# ДАРСҲОИ ҒАЙРИҚОЛАБИИ САВОДОМОЗИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА ХОНИШ

**Саломов Анушервон Акрамович**
Донишҷӯи донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов
anushervon.salomov@mail.ru

***Аннотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур аҳамияти истифодаи усулҳои ғайриқолабӣ дар раванди ташкили дарси саводомӯзии забони модарӣ ва хониш дар синфҳои ибтидоӣ таъкид шудааст. Дар бораи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва татбиқи онҳо дар раванди таълим маълумот дода шудааст.*

***Калимаҳои такягоҳ:*** *дарс, метод, роҳу равиш, саводомӯзӣ, интерфаъол, тафаккури эҷодӣ, системаи таълим.*

# INTERACTIVE LESSONS IN MOTHER TONGUE AND READING LITERACY

***Abstrakt:*** *This article emphasizes the importance of using interactive methods in the process of organizing the lesson of mother tongue literacy and reading in primary classes. Information is given on the use of innovative technologies in the development of creative abilities and their application in the educational process.*

***Key words:*** *lesson, method, approach, literacy, interactive, creative thinking, educational system.*

Дар замони ҳозира системаҳои таълимии кишварҳои пешрафта, аз қабили Фаронса, Шветсия, Итолиё ва Финландияро назар афканем, барои мукаммал аз худ кардани забони модарии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, инкишофи

тафаккури интиқодӣ ва қобилияти эҷодкории онҳо диққати махсус дода мешавад. Агар тамоми ислоҳоти соҳаи маорифи кишварамонро таҳлил кунем, пас ҳамаи онҳо таваҷҷӯҳ ба насли наврас ва пойдевор барои оянда аст. Тавре ки Президенти кишварамон дар маърӯзаҳои худ таъкид карда буданд, «фарзандонамонро ҳамчун инсонҳои ватанпарвар, дорои тафаккури мустақил, дониши замонавӣ ва малакаи касбӣ тарбия намудан масъалаи аҳамиятнок мебошад».

Омӯзиши саводомӯзии забони модарӣ ва хониш ба чаҳор салоҳият: гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан ҳамчунин ба ташаккули саводомӯзии грамматикӣ тамаркуз мекунад. Мо бояд дар таълим вазифаи коммуникатсионии забонро дар мадди аввал қарор диҳем ва муносибати фаъолият, муносибати бошуурона ва муносибати танқидиро низ ба назар гирем. Истифодаи методҳои замонавӣ яке аз омилҳои зарурии баланд бардоштани сатҳи фикрронии мустақил ва инкишофдиҳии тафаккури эҷодии хонандагон мебошад.

Метод ва тарзҳои таълим чизи шахшуда набуда, доимо инкишофу такмил меёбанд. Хусусан дар шароити ҳозираи афзудани доираи маълумот комилан такмил додани тарзу усулҳо хеле муҳим аст. Раванди такмили методҳо бояд ба фаъол кунонидани шавқу ҳаваси маърифатҷӯии хонандагон, омӯзиши фаъол, инкишофи ҳаматарафаи онҳо нигаронда шавад. **Истифодаи методҳои замонавии таълим боиси самаранокии баланди ҷараёни таълим мегардад. Ин усулҳоро дар асоси вазифаи дидактикии ҳар як дарс интихоб кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар баробари нигоҳ доштани шакли анъанавии дарс, бой гардонидани он бо усулҳои гуногуне, ки фаъолияти хонандагонро тезтар мегардонанд, боиси баланд шудани сатҳи дониши онҳо мегардад. Инчунин таваҷҷуҳ ва шавқмандӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, технологияҳои педагогӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълим рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст, яке аз сабабҳои ин дар он аст, ки то имрӯз дар таълими анъанавӣ ба хонандагон танҳо дониши тайёр омӯзонида мешуданд, аммо**

**технологияҳои муосир имкон медиҳад, ки онҳо дониши меомӯхтаашонро ҷустуҷӯ кунанд, мустақилона омӯхта таҳлил кунанд ва ҳатто хулоса баророранд.**

**Маълум аст, ки усули таълим як хел намеистад, тарзҳои нави методӣ доим дар инкишофанду усулҳои нав ба нави таълим ба вуҷуд омадан мегиранд.** Таълими замони муосир тақозо мекунад, ки бештар дар рафти таълими фанҳо усулҳои фаъол ва интерактивиро истифода барем. Бо ёрии ин усулҳо омӯзгорон ба саволи кӯҳнаи чиро таълим додан ва чӣ гуна таълим додан дар шароити олами зудтағйирёбанда ҷавоб меҷӯянд. Ин маънои онро дорад, ки муаллими замони муосир бояд чараёнеро ба роҳ монда тавонад, ки ба хонандагон барои «кашф»-и дониш ёрӣ расонад. Маҳз барои ҳамин таълим хонандаро бояд ба ҷустуҷӯ, тадқиқ ва ҳалли мушкилиҳои муҳими муҳити ӯро иҳотакарда ворид созад.

**Метод** аз калимаи юнонии **“metodos”** гирифта шудааст, ки он дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои роҳ, тарз, равиши таҳқиқот, (аз нигоҳи назария), тарзи ноил шудан ба мақсад, иҷро намудани вазифаи мушаххас (аз нигоҳи амалия) корбаст мешавад. Метод аслан дар натиҷаи фаъолияти амалии инсон ба вуҷуд омадааст. Ҳар як намуди фаъолият методи хоси худро дорад. Аз ҷумла, дар кори таълим як метод, дар кори тарбия дигар метод, дар кори илмӣ, истеҳсолӣ методҳои дигар ба кор бурда мешавад. Ин ба мақсад ва вазифа, намуд ва ба хусусияти фаъолият вобаста аст. Ҳар қадар ки фаъолият мураккаб бошад, ҳамон қадар методҳои он гуногун мешавад. Аз ҷумла, кори таълимӣ яке аз намудҳои мураккаби фаъолият ба шумор меравад. Аз ин рӯ, он як силсила методҳои гуногунро дарбар мегирад.

**Методи таълим** - тарзи кори омӯзгор ва донишомӯз, ки дар чараёни он донишомӯзон дониш, малакаву маҳорат ҳосил намуда, ҷаҳонбинӣ ва қобилияташон ташаккул меёбад.

Дар аксар адабиётҳои педагогии то давраи истиқлол методи таълим ба таври зерин гурӯҳбандӣ гаридадааст:

1. Методи шифоҳӣ - сӯҳбат, нақл, ҳикоя, лексия ва монанди инҳо.

2. Методи аёнӣ - усулҳои намоишдиҳӣ: нақша, таблитса, расм, тасвирҳо, таҷрибаҳо, объективҳои табиӣ, ва кинофилмҳо.

3. Методи амалӣ - усулҳои мушоҳида, супоришҳо, тадқиқотҳо, кор бо китоби дарсӣ, корҳои лабораторӣ ва амсоли инҳо.

Методҳои таълим дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ду номи умумиро молик гардид. Номи умумии якумӣ - **“методҳои қолабӣ”, “методҳои анъанавӣ”**; номи умумии дуюмӣ - **“методҳои ғайриқолабӣ”, “методҳои ноанъанавӣ”, “методҳои интерактивӣ”.** Методҳои баёни даҳонакӣ, кор бо китоб, мушоҳида, аналитикию синтетикӣ, индуксия, дедуксия, сӯҳбат, репордуктивӣ, кор аз рӯи расм, кор бо китоб, таълими дастурӣ, санҷишу баҳогузорӣ ва ғайра **методҳои қолабӣ**; ҳуҷуми ақлӣ, арраи ажурӣ, кластер, пинборд, блис, мунозира, чойи худро ёб, кор бо зергурӯҳҳои хурд, меню, мубоҳиса, ҳамдигаромӯзонӣ, зиг-заг, фикррронии танқидӣ, корҳои ба лойиҳагирӣ, тадқиқотӣ, мавқеъёбӣ, шаҷараи қарорҳо ва монанди инҳо **методҳои ғайриқолабӣ (интеркативӣ)** ба шумор меравaнд.

Таълими замони муосир тақозо мекунад, ки бештар дар раванди таълими саводомӯзии забони модарӣ ва хониш, инчунин фанҳои дигар усулҳои интерактивӣ (ғайриқолабӣ)-ро истифода барем. Усули интерактивии таълим раванди азхудкунӣ ва эҷодкориро дар хонандагон метезонад ва натиҷаи он на танҳо дар омӯзиш, балки дар иштироки ҳалли масоили гуногун замина гузошта метавонад. Барои мисол, агар усул ва шаклҳои таълими интерактивӣ мақсаднок истифода бурда шаванд, самараҳои онро дар фаъолияти хонандагон, ба мисли ба даст овардани иттилоот, ҷасорати баёни андеша ва ба муаллим эътимод зоҳир кардан дидан мумкин аст. Таълими интерактивӣ таваҷҷӯҳи иштирокчиёнро дар ҳалли масъалаи муҳокимашаванда бештар гардонда, онҳоро ба эҷодкорӣ ва ҷустуҷӯ водор месозад. Дар натиҷа ҳар як хонанда ба муваффақият ноил гашта, дар кори гурӯҳӣ ҳиссагузорӣ мекунад.

Дар китоби дарсӣ як қатор маводҳои дидактикӣ ба назар мерасад. Ба омӯзгор тавсия дода мешавад, ки чунин супоришҳоро бо усули ҳуҷуми ақлӣ,

муаммогузорӣ ташкил карда натиҷаҳои онро дар байни донишомӯзон бояд муҳокима намояд. Дар китоби дарсӣ матнҳое дохил карда шудааст, ки хусусияти тарбият намудани ҳисси ватанпарварӣ, табиатдӯстӣ, эъзоз намудани урфу одатҳои миллии халқамон ва ғайраро дар бар мегирад. Хуб мешуд, ки омӯзгор чунин матнҳоро бо фаъолияти амалӣ, озодфикрию озодандешӣ, ташаббускорӣ ва бо методҳои **интерфаъол: - ҳуҷуми ақлӣ, пинбард, инсерт, синквейн, кластер**, омӯзонаду бештар ба фикри мустақилонаи донишомӯзон диққатро нигаронад. Онҳоро дар таълими забони модарӣ ҳамчун шахси соҳибфикру фаъол, эҷодкор тарбия намояд. Бузургон беҳуданагуфтаанд, ки сифатнок ва эҷодкорона ташкил намудану гузаронидани дарс ба малакаю дониши омӯзгор вобаста аст. ҳаминро таъкид карданием, ки мувофиқи талаботи замон ва дар андозаҳои стандарти ҷаҳонӣ дарс гузаштан аз омӯзгор пеш аз ҳама ҷонбозӣ, эҷодкорӣ, ҷустуҷӯи шаклҳою усулҳои навро тақозо мекунад. Омӯзгорро лозим аст, ки аз навгониҳои соҳаи забоншиносӣ, дастовардҳои методистону педагогҳои пешқадам мунтазам огоҳ шуда равад. Дар ҳамин вақт вай вазифаи сермасъулияти дар пӯш гирифтаашро сарбаландонаю сифатнок адо карда метавонад.

## АДАБИЁТҲО:


1. Ш.М.Мирзиёев. Буюк келажагимизни мард ва олийжаноб ёшларимиз билан бирга қурамиз. – Тошкент. “Ўзбекистон” 2017. – 136 бет.
2. С.Х.Хӯҷақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи адабиёти тоҷик. – Самарқанд 2014.
3. Т.Чориев, Ҷ.Эшонқулов. Методикаи таълими саводомӯзии забони модарӣ ва хониш (барои синфи 3). – Тошканд 2022.
4. М.Лутфуллоев. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. – Душанбе 2007.